# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ҳомидова Шамсия Мирзорустамовна дар мавзуи «Ҳавзаи адабии Хуҷанд дар нимаи дуюми асри XVIII – аввали асри XX» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рўйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ. (6D021403 – Таърихи адабиёт. Равобити адабӣ).**

Шаҳри Хуҷанд аз давраҳои қадим яке аз марказҳои бонуфузи илму фарҳанг ва адабиёти форсу тоҷик эътироф гардида, донишмандону сухансароёни зиёде аз зодагони ин сарзамини фарҳангофарин дар рушди тамаддуни ҷаҳонӣ хидмат кардаанд. Танҳо зикри номи Камоли Хуҷандӣ, ки дар баробари Ҳофизи Шерозӣ аз пешгомони ғазалсарой дар адабиёти классикии тоҷик эътироф гардида, кофист, ки мо номи Хуҷандро дар баробари шарҳҳои бузурги шоирпарвари Шерозу Самарқанду Бухоро ном бубарем. Дар асрҳои XVIII- то аввали асри XX бошад теъдоди зиёди шоироне дар шаҳр зиндагӣ ва эҷод намудаанд, ки ҳузурашон омил ба эътирофи ин сарзамини куҳани аҷдодӣ ба ҳукми як ҳавзаи адабӣ гардидааст. Ҳарчанд дар умум дар асоси ҳавзаи адабии Хуҷанд тазкираҳои ҷудогонае таҳия ва нашр гардида,девони ашъори баъзе аз шоирон рўи чоп омадаанд, вале таҳқиқоти алоҳидае дар бораи вазъи куллии адабиёт дар ин ҳавза дар ин давраи таърихӣ сурат нагирифта буд. Аз ин нуқтаи назар Диссертатсияи Ҳомидова Шамсия Мирзорустамовна таҳти унвони **«Ҳавзаи адабии Хуҷанд дар нимаи дуюми асри XVIII – аввали асри XX»** ба таҳқиқи ин мавзуи муҳимми адабиётшиносӣ ихтисос ёфта, бори аввал дар он муҳити адабии ин шаҳри шоирпарвар дар як давраи таърихӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.

Аз муҳтавои автореферат ҳувайдост, ки диссертатсия аз муқаддима, се боб, ёздаҳ фасл, хулоса ва осори таҳқиқӣ иборат мебошад.

Дар муқаддим мубрамияти мавзуи таҳқиқ, дараҷаи азхудшудагии мавзуъ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо, мақсад, вазифа, объект ва предмет, асосҳои назарӣ ва амалӣ, навгонии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ ва нукоти дигари фарогири он шарҳу тавзеҳ ёфтааст. Қобили таъкид аст, ки диссертант дар асоси омўзиши маводи сарчашмаҳои фаровон ва таҳқиқоти илмӣ муқаррар намудааст, ки ҳузури шоирони зиёде дар ин шаҳри шоирпарвар ва пайвандҳои мавзўии сабкиву ҳунарии эҷодиёти онҳо имконият медиҳад, ки дар баробари ҳавзаи адабии Хуқанд Хуҷандро ҳам чун як муҳити адабии таъсиргузори адабӣ муаррифӣ намояд, ки пажўҳиши мустақилро тақозо мекунад.

**Боби аввали диссертатсия** – «Муҳити илмиву адабӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳр аз нимаи дуюми асри XVIII то ибтидои асри XX» ном дорад, ки дар он масоиле чуне авзои адабӣ, сарчашмашиносӣ, таснифоти мавзуии ашъор, ташккули адабиёти дузабона, саҳми бонувони суханвар дар ташшаккули адабиёти давр бахшида шудааст. Дар баробари 9 нафар бонувони суханваре, ки дар шаҳри Хуҷанд ба дунё омада, бо нисбаи Хуҷандӣ шуҳрат ёфтаву номашро дар тазкираҳо рафтааст, ба муҳаққиқ имконият даст додааст, ки аз бойгонии шахсӣ ва меросбарони шоира Қутбинисо намунаҳои ашъори ӯро дастрас намояд, ки то кунун ба чоп нарасидаанд.

**Боби дуюми диссертатсия** – «Таҳаввули жанрҳои адабӣ» ном дорад, ки дар фаслҳои он– «Жанрҳои хурди ғиноӣ», «Жанрҳои бузурги ғиноӣ» ва «Анвои дигари адабии манзум ва мансур» муаллиф андешаҳои хешро роҷеъ ба ҷойгоҳи ҳар яке аз анвоъи адабӣ баён дошта, саҳми шоирони ҳавзаи Хуҷандро дар инкишофи жанрҳо ва таҳаввулоти мавзӯӣ ва сабкӣ дар онҳо изҳор доштааст. Нақду назар ва андешаҳои хешро бар асоси корбурди мулоҳизоти донишмандони номвари ватаниву хориҷӣ собит намудааст.

**Боби сеюми** диссертатсия «Хусусиятҳои поэтикии ашъори суханварони ҳавзаи адабии Хуҷанд» ном дорад ва андешаҳои илмии диссертант дар чаҳор фасл баён шудаанд. Диссертант ҳангоми таҳқиқи меҳварҳои аслии пажӯҳиш муқаррар намудааст, ки дар ин давра ҷараёнҳои роиҷи адабӣ чун мактаби пайравони Бедил, сабки бозгашти адабӣ ва зуҳури заминаҳо ва унсурҳои шеъри нав ривоҷ доштанд, ки шоирони ҳавзаи адабии Хуҷанд низ аз роҳу шеваҳои мухталиф вежагиҳои муҳими ин ҷараёнҳои адабиро дар сурудаҳои хеш татбиқ намудаанд.

Хулосаҳои аз таҳқиқи мавзуъ ба даст омада, дар 15 банд баён шудаанд, ки истиқлоли назар ва дидгоҳҳои хосаи диссертатро аз баррасии масоили меҳварӣ муқаррар мекунанд.

Диссертант аз рӯи мавзуи хеш 12 мақола, аз ҷумла, 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонидааст, ки ин нукта далели ковишҳои муҳим ва судманди илмии ӯ ба шумор меравад.

Дар баробари ин дастовардҳо дар автореферати диссертатсияи мазкур, баъзе камбудиҳо низ ҷой доранд, ки бартараф намудани онҳо ба манфиати кори муаллиф мебошад.

1. Аз рӯи мутолеаи автореферат дақиқ нагардид, ки аз шумораи умумии шоирони дар ин давра умр ба сар бурда, чанд нафарашон соҳибдевон ҳастанд. Агар дар боби аввали диссертатсия ҳангоми баррасии сарчашмаҳои омӯзиши мавзуи шумораи шоирони соҳибдевонро дақиқ менамуд, арзиши диссертатсия боз ҳам меафзуд.

2. Ба андешаи мо дар оғози боби аввал диссертант ба таври иҷмолӣ ба вазъи адабии Хуҷанд дар қуруни қаблӣ ва равобити адабии он бо дигар ҳавзаҳои адабӣ руҷуъ менамуд, қимати илмии кори ӯ боз ҳам боло мерафт.

Камбудиҳои мазкур ҳаргиз арзишу аҳамияти диссертатсияро кам намесозанд.

Дар умум, диссертатсияи Ҳомидова Шамсия Мирзорустамовна дар мавзуи **«Ҳавзаи адабии Хуҷанд дар нимаи дуюми асри XVIII – аввали асри XX»** ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021403 – Таърихи адабиёт. Равобити адабӣ) мебошад.

**Доктори фанҳои филологӣ (DSc)**
**дотсенти кафедраи филологияи тоҷик**
**ва забонҳои шарқи хориҷаи Донишгоҳи давлатии**
**Самарқанд ба номи Шароф Рашидов** **Хӯҷақулов С.Х**

**Имзои Хӯҷақулов С.Х.-ро тасдиқ менамоям:**
**Сардори шуъбаи кадрҳо Донишгоҳи давлатии**
**Самарқанд ба номи Шароф Рашидов** **Абдуллаева С.Х.**

**Суроға: 140303, Ҷумухрии Ӯзбекситон,**
**н.Самарқанд, маҳаллаи Янги ҳаёт, хонаи рақами 99.**
**Сомонаи муассиса: https://samdu.uz/**
**Тел: +998 (91) 536-74-88.**
**E-mail: sirojiddinxujaqulov1976@gmail.com**
**«1» феврали 2023.**

O'ZBEKISTON RESPUBLIKASI OLIY VA O'RTA MAXSUS TA'LIM VAZIRLIGI SHAROF RASHIDOV NOMIDAGI SAMARQAND DAVLAT UNIVERSITETI XODIMLAR BO'LIMI